УДК: 330.35.01
ББК: 65.012
А-50

# ҶИҲАТҲОИ НАЗАРИЯВИИ СИЁСАТИ САВДОИ БЕРУНАИ ОЗОД ВА ТАДБИҚИ СТРАТЕГИЯИ ВОРИДОТИВАЗКУНӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ КУШОД

***Алиджанов Джамшед Абдукаюмович** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири кафедраи назарияи иқтисодии МДТ "ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров", e-mail: alijonov_jamshed@mail.ru*

# ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ПОЛИТИКИ СВОБОДНОЙ ВНЕШНЕЙ ТОРГОВЛИ И РЕАЛИЗАЦИЯ СТРАТЕГИИ ИМПОРТОЗАМЕЩЕНИЯ В ОТКРЫТОЙ ЭКОНОМИКЕ

***Алиджанов Джамшед Абдукаюмович** – доктор экономических наук, профессор, заведующий кафедрой экономической теории ГОУ «ХГУ имени акад. Б. Гафурова», e-mail: alijonov_jamshed@mail.ru*

# THEORETICAL ASPECTS OF THE POLICY OF FREE FOREIGN TRADE AND THE IMPLEMENTATION OF THE IMPORT SUBSTITUTION STRATEGY IN AN OPEN ECONOMY

***Alidzhanov Dzhamshed Abdukayumovich** - Doctor of Economics, Professor, Head of the Department of Economic Theory KSU named after acad. B. Gafurova, e-mail: alijonov_jamshed@mail.ru*

***Вожаҳои калидӣ:** сиёсати савдои беруна, ташкилоти умумиҷаҳонии савдо (ТУС), тавозуни амалиётҳои ҷорӣ, содирот, воридот, стратегияи воридотивазкунӣ, истеҳсолоти дохилӣ,.*

*Дар мақолаи мазкур масъалаҳои назариявии сиёсати савдои беруна дар ҷодаи амалигардонии стратегияи воридотивазкунӣ мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Қайд карда мешавад, ки назария ва амалияи танзими давлатии савдои беруна муносибатҳои гуногунро дар доираи савдои озод ва амалигардонии сиёсати ҳифзкунандаи савдо бо унсурҳои протексионизм нишон медиҳад. Ҳалли танзимкунии нишондодҳои савдои беруна на танҳо хислати иқтисод, инчунин хислати сиёсиро бодарназардошти манфиатҳои мавҷудбуда ва пайдошавандаи агентҳои иқтисодӣ низ дорад. Муайян карда шудааст, ки сиёсати савдои озод танҳо дар ҳолате ба иқтисодиёт таъсири мусбат мерасонад, ки агар бозори дохили молҳои истеҳсоли ватанӣ бо молҳои хориҷӣ рақобатнок бошанд. Бо баробари ин коҳишёбии оқибатҳои манфӣ ва мусоидат намудан барои инкишофи рақобат ба вазифаи давлат мубаддал мегардад. Истифодабарии усулҳои тарифии танзими савдои беруна дар шароити муосир ва ҳамгироии кишварҳои зиёд дар доираи ТУС ба таври мустақилона наметавонад истеҳсолкунандагони дохилиро аз таъсири рақибони хориҷӣ эмин нигоҳ дорад. Бинобар ҳамин барои амалигардонии сиёсати савдои беруна дар шароити муосир ба усулҳои ғайритарифӣ мансуб дониста мешавад. Яъне дар тадбиқи сиёсати савдои беруна ва ҳавасманд намудани истеҳсолоти ивазкунандаи воридот ҳамзистии усулҳои тарифӣ ва ғайритарифии танзими савдои беруна метавонанд натиҷаҳои назаррасро таъмин намоянд. Дар ин самт истифодабарии квотакунонии воридот барои коҳиш додани ҳаҷми воридоти барзиёд ва ҳавасмандгардонии афзоиши истеҳсолоти дохилӣ самараи мусбат дода метавонад.*

***Ключевые слова:** политика внешней торговли, всемирнарная торговая организация (ВТО), баланс текущих операций, экспорт, импорт, импортозамещающая стратегия, внутренее производство.*

*В данной статье рассмотрены теоретические вопросы внешнеторговой политики в контексте реализации импортозамещающей стратегии. Отмечается, что теория и практика государственного регулирования внешней торговли охватывает множество подходов в области свободной торговли и реализации защитной торговли с элементами протекционизма. Решение по регулированию параметров внешней торговли имеет не только экономический характер, но и политический, с учетом интересов экономических агентов. Определено, что внешнеторговая политика оказывает положительное влияние на экономику только в том случае, при котором внутренний рынок товаров имеет достаточную конкурентоспособность с иностранными товарами. Вместе с тем, снижение негативных последствий внешней торговли и содействие развитию конкуренции возлагается на государство. Использование тарифных методов регулирования внешней торговли в современных условиях и интегрированности многих стран в рамках ВТО не позволяет самостоятельно защитить внутреннего производителя от влияния*

*иностранной конкуренции. Поэтому, для реализации внешнеторговой политики в современных условиях использование нетарифных методов регулирования представляется приоритетным. При реализации внешнеторговой политики и стимулирования импортозамещения совместное использование тарифных и нетарифных методов регулирования внешней торговли может обеспечить хорошие результаты. В этом направлении использование квотирования импорта для сокращения его больших объемов и стимулирования роста внутреннего производства может обеспечить положительный эффект.*

***Key words:*** *foreign trade policy, World Trade Organization (WTO), current account balance, export, import, import substitution strategy, domestic production.*

*This article discusses the theoretical issues of foreign trade policy in the context of the implementation of the import substitution strategy. It should be noted that the theory and practice of state regulation of foreign trade covers many approaches in the field of free trade and the implementation of protective trade with elements of protectionism. The decision to regulate the parameters of foreign trade is not only economic in nature, but also political, taking into account the interests of economic agents. It is determined that foreign trade policy has a positive impact on the economy only if the domestic market of goods has sufficient competitiveness in foreign goods. At the same time, reducing the negative effects of foreign trade and promoting competition is the responsibility of the State. The use of tariff methods of regulating foreign trade in modern conditions and the integration of many countries within the WTO does not allow you to independently protect domestic producers from the influence of foreign competition. Therefore, for the implementation of foreign trade policy in modern conditions, the use of non-tariff methods of regulation seems to be a priority. When implementing foreign trade policy and stimulating import substitution, the joint use of tariff and non-tariff methods of regulating foreign trade can provide good results. In this direction, the use of import quotas to reduce its large volumes and stimulate the growth of domestic production can provide a positive effect.*

Ташаккулёбии сиёсати иқтисодӣ дар кишварҳои пасошӯравӣ, аз он ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ибтидоӣ бештар аз рӯи принсипи рӯйбардор намудани институтҳо амалӣ карда мешуд. Дар асоси чунин институтҳо принсипҳои савдои озод хобида буданд, ки барои табуддулоти иқтисодӣ аз низоми маъмурӣ-фармондеҳӣ ва бозорӣ мусоидат карданд.

Истифодабарии принсипҳои номбурда дар савдои беруна дар амал ҳамчун омили зарурӣ барои як қатор иқтисодиётҳо баромад мекунад, ки ба вазъияти бозор таъсири маҳдуд расонида, ҳамзамон зери таъсири ҷараёнҳои ҷаҳонишавии иқтисодиёт қарор дорад. Дар натиҷа дар кишварҳо пасошӯравӣ механизмҳои нисбатан устувори бозорӣ пойдор гардиданд, ки пеш аз ҳама аз тамоюл ва вазъияти бозори ҷаҳонӣ вобастагӣ доранд. Боиси таъкид аст, ки барои иқтисодиёти нисбатан калон масъалаи озодшавии савдои беруна бо баланшавии рақобатпазирии корхонаҳои миллӣ ва инкишофи истеҳсолоти худӣ вобастагӣ дорад. Дар чунин ҳолат интихоби сиёсати савдои беруна на танҳо манфиатҳои истеъмолкунандагон, инчунин манфиатҳои истеҳсолкунандагонро дар ҷодаи дастрасии бозори беруна, ҷалби техноология ва инвеститсияҳо ба инобат мегирад.

Назария ва амалияи танзими давлатии савдои беруна муносибатҳои гуногунро дар доираи савдои озод ва амалигардонии сиёсати ҳифзкунандаи савдо бо унсурҳои протексионизм нишон медиҳад. Ҳалли танзимкунии нишондодҳои савдои беруна на танҳо хислати иқтисод, инчунин хислати сиёсиро бодарназардошти манфиатҳои мавҷудбуда ва пайдошавандаи агентҳои иқтисодӣ низ дорад.

Танқиди сиёсати савдои берунаи давлат ибтидои худро аз асари А. Смит "Тадқиқот оиди табиат ва сабабҳои боигарии халқҳо" (соли 1976) [15] мегирад. Интихоби сиёсати савдои беруна мавриди баҳси на танҳо иқтисодчиён, инчунин сиёсатмадорон, файласуфон ва сотсиологон мегардад, зеро чунин сиёсат қисми таркибии сиёсати умумидавлатӣ баромад карда, дастрасгардии мақсадҳои зарурииро дар назар дорад. Дар ин ҷода беҳтаргардонии вазъи некуаҳволии шаҳрвандон дар мадди аввал қарор дода мешавад. Баҳсҳои зиёд оид ба сиёсати савдои беруна асосан ду ҷиҳатро фарогир мебошад: 1) асосноккунии афзалият ва хароҷот аз сиёсати савдои озод; 2) зарурати муайян намудани самтҳои сиёсати савдои беруна аз тарафи давлат бо дарназардошти меъёрҳо ва қоидаҳои байналмилалӣ.

Дар "Стратегияи Иттиҳоди Аврупо 2020", ки аз тарафи комиссияи Арупо дар соҳаи сиёсати беруна таҳия гардидааст, чунин омадааст: "Оид ба мусоидат намудани савдои озод ба тараққиёт, баландшавии сатҳи зиндагонӣ ва афзоиши мутасили даромадҳои аслӣ бисёр мисолҳо овардан мумкин аст. Лекин таҳлилҳо собит менамоянд, ки савдои озод ба пайдоиши ғолибон ва мағлубшудагон низ оварда мерасонад. Савдои озод на танҳо тараққиётро таъмин мекунад, инчунин ин ҷараён метавонад ба пайдоиши нобаробарӣ оварда расонад. Ба замми ин савдои озод ба соҳаи коркард дар ҳолати дучор

шудан ба ҳодисаҳои демпингӣ ва тағйироти қурби асъор таъсири манфӣ расониданаш мумкин аст. Дар ин ҷода қайд намудан ба маврид аст, ки низоми савдо барои амалияи савдои ноадолатона воситаҳои ҳимояро пешбинӣ менамояд. Новобаста ба ин дар ҳолати пойдор гардидани нархгузории нодуруст, низомҳои иқтисодӣ дар асоси нархҳои бозорӣ амал намекунанд, муайян намудани ҳудудҳои маблағгузории давлатӣ ва демпинг мушкил мегардад [16].

Сабабҳои классикии савдои озод бо афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир барои пешниҳод дар бозорҳои беруна алоқаманд буда, дар навбати худ а афзоиши ҷойҳои корӣ ва даромадҳои корхонаҳои истеҳолӣ муосидат мекунад. Бо баробари ин савдои озод ба истеъмолкунандагон ва истеҳсолкунандагони миллӣ дастрасии номгӯи зиёди молҳо ва захираҳои камёфтро бо нархҳои нисбат пасттар таъмин менамояд. Дар натиҷаи беҳтаргардии имконият барои иштирок дар бозорҳои беруна ҷараёни таъминоти нав ва имкониятҳои истеҳсоли молҳои рақобатпазир барои қонеъгардонии талабот дар бозорҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ташаккул меёбанд, ки барои афзоиши истеҳсоли арзиши иловашуда, зиёдгардии даромадҳои корхонаҳо, рушди иқтисодиёти миллӣ мусоидат менамоянд.

Озодии савдои беруна шароити зарурӣ ва ҳамзамон нопурраи таъминоти рушди иқтисодӣ мебошад. Шарти асосии дастрасшавии самараи мусбат аз савдои беруна пеш аз ҳама рақобатпазирии молҳои ватанӣ баромад мекунад. Агар молҳои истеҳсолшуда рақобатпазир набошанд, он гоҳ чунин молҳо на танҳо дар бозори беруна, ҳатто дар бозори дохилӣ низ харидори зарурии худро дарёфт карда наметавонад.

Бинобар ҳамин, сиёсати савдои озод танҳо дар ҳолате ба иқтисодиёт таъсири мусбат мерасонад, ки агар бозори дохили молҳои истеҳсоли ватанӣ бо молҳои хориҷӣ рақобатнок бошанд. Бо баробари ин коҳишёбии оқибатҳои манфӣ ва мусоидат намудан барои инкишофи рақобат ба вазифаи давлат мубаддал мегардад.

Натиҷаҳои таъсиррасонии омилҳои гуногун ба рушди иқтисодӣ ва ҳосилнокии меҳнат нишон медиҳад, ки барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ бинобар мавҷудияти қафомонии муайян ва маҳдудият дар пешрафти технологӣ, ҳудудҳои муайяни воридотиро доро буда, дар чунин ҳолат савдои озод самараи назаррасӣ иқтисодиро фароҳам меоварад [11] (ҷадвали 1.).

*Ҷадвали 1.*

*Тадқиқи таъсиррасонии савдои озод ба рушди иқтисодӣ*

| *Муаллифони тадқиқот* | *Давраи тадқиқот* | *Нишондод* | *Ҳаҷми мушоҳидаҳо* | *Натиҷа* |
|---|---|---|---|---|
| *Регрессияҳо оид ба маълумоти кишварҳо* | | | | |
| Greenaway, Morgan, and Wright (2002) | 1975-1993 | Нишондодҳои гуногуни дихотомия | 69 кишварҳои рӯ ба тараққӣ | Суръати рушд тақрибан 2,7% |
| Salinas and Aksoy (2006) | 1970-2004 | Лаҳзаҳои гуногуни Бонки умумиҷаҳонӣ | 39 кишварҳои рӯ ба тараққӣ | Суръати рушд тақрибан 1,2% |
| Wacziarg and Welch (2008) | 1950-1998 | Нишондоди азнавшудаи Sachs-Warner | 133 кишварҳои рӯ ба тараққӣ | Суръати рушд тақрибан 1,4% |
| Falvey, Foster, and Greenaway (2012) | 1970-2003 | Нишондоди Wacziarg-Welch | 39 кишварҳои рӯ ба тараққӣ | Суръати рушд тақрибан 1,8% |
| Falvey, Foster-McGregor, and Khalid (2013) | 1970-2005 | Нишондоди Wacziarg-Welch | 50 кишварҳои рӯ ба тараққӣ | Суръати рушд тақрибан 1,7% |
| Estevadeordal and Taylor (2013) | 1975-2004 | Тарифи миёнаи воридотӣ (агрегиронӣ, ғайриагрегиронӣ) | 44 кишварҳои рӯ ба тараққӣ | Суръати рушд тақрибан 1,0%, афзоиши даромад 15-20% баъд аз 20 сол |
| Feyrer and Irwin (2019) | 1950-2015 | Нишондоди азнавшудаи Нишондоди Wacziarg- | 125 кишварҳои рӯ ба тараққӣ | Афзоиши даромадҳои ба 10-20%, баъди 5-10 сол. |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Welch, нишондоди ҳисоби амалиётҳои ҷорӣ ва дигарҳо | | |
| *Усули назорати синтетикӣ дар чорчӯбаи модели сабабӣ-оқибатии Рубин* | | | | |
| Billmeier and Nannicini (2013) | 1963-2005 | Нишондоди Wacziarg-Welch | 30 кишварҳои рӯ ба тараққӣ | Самараи мусбат вале муваққатӣ аз таъсири савдои озод ба рушди иқтисодӣ |
| Billmeier and Nannicini (2011) | 1993-2005 | Нишондоди Wacziarg-Welch | 5 кишвари бо иқтисодиёти гузариш буда | Самараи мусбат вале муваққатӣ аз таъсири савдои озод ба рушди иқтисодӣ |
| *Тадқиқотҳои Эмпирикӣ ва миқдорӣ* | | | | |
| Connally and Yi (2015) | 1962-1989 | Тарифҳо ва маҳдудиятҳои миқдорӣ | Кореяи Ҷанубӣ | 17% афзоиши ҳосилнокии меҳнати кормандон аз сабаби паст намудани тарифҳо |

*Сарчашма: Irwin, D. A. Does Trade Reform Promote Economic Growth? A Review of Recent Evidence [Захираи электронӣ] / D. A. Irwin // NBER Working Paper :. – 2019. – Реҷаи дастрасӣ: https://www.nber.org/papers/w25927.pdf.*

Озодии савдои беруна барои баландшавии суръати рушди иқтисодӣ тақрибан ба 1-2,7% мусоидат карда, бо баробари ин ҷоиз ба қайд аст, ки чунин рушд танҳо дар дурнамои миёнамӯҳлат ва дарозмуддат таъмин карда мешавад. Бо баробари ин кишварҳо аз рӯи миқёси ислоҳотҳои худ ва шароитҳо фарқият доштанд, ки дар марҳилаи муайян амалӣ карда мешуданд.

Озодшавии савдои беруна дар нимаи дуюми асри XX фаъолона амалӣ карда шуда, қисми таркибии ҷаҳонишавӣ гардид. Дар ин марҳила савдои озод барои офаридани арзишҳои иловагӣ ва ҷоришавии тарафайнии сармоя мусоидат намуд, ки кишварҳоро бо ҳам алоқаманд ва вобаста гардонид. Ин ҷараён дар ҳолати азоишёбии ширкатҳои фаромиллӣ ба миён омада, сиклҳои истеҳсолиро дар тамоми гӯшаи ҷаҳон мутаҳид намуд [9].

Ҷоиз ба гуфтанист, ки афзоиши савдои байналмилалӣ ба зарурати ҳамгироии зич бо бозорҳои нав барои васеъшавии фаъолияти иқтисодӣ мусоидат менамояд, ки дар натиҷаи он ҳамкориҳои иқтисодӣ васеъ ба роҳ монда мешаванд. Бо баробари зарурат ва омодагии субъектони хоҷагидорӣ вусъатёбии ҳамгироӣ то марҳилаи иттиҳоди гумрукӣ, бозори ягона ва ё иттиҳоди иқтисодии комил бо фазои ягонаи макроиқтисодӣ ва асъори умумӣ ба назар расиданаш мумкин аст.

Назария ва амалияи савдои берунаи озод дар доираи вусъатёбии ҳамгироии иқтисодӣ як қатор унсурҳои фарққунандаро дорад, аз он ҷумла омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва ғайраҳо. Чунин фарқият пеш аз ҳама аз фарқгузории низомҳои иқтисодӣ ба миён меояд. Мавҷудияти чунин омилҳо барои таъсисдиҳии монеъаҳои тарифӣ ва ғайритарифӣ мусоидат менамояд, ки ба савдои озод маҳдудият эҷод менамоянд. Мавҷудияти савдои берунаи озод ба дастгирии истеҳсолкунандагони ватанӣ диққати махсус зоҳир менамояд, зеро дар шароити васеъ паҳн гаштани озодии савдои беруна ҳодисаҳои рақобати ноадолатона ба назар мерасад. Бинобар ҳамин ҳамгироии кишварҳо ба низоми алоқаҳои хоҷагиҳои ҷаҳонӣ бо дарназардошти бартараф намудани монеъаҳо, ишғол намудани мавқеъи мувофиқ дар бозори ҷаҳонӣ ва дастгирии истеҳсолкунандагони ватантӣ аз таъсироти рақобати ноадолатонаи беруна амалӣ гаштанаш зарур ва ҳатмӣ ба ҳисоб меравад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилии чунин ҳамгироиро дар маълумоти шомилшавии кишвар ба ТУС (ташкилоти умумиҷаҳонии савдо) баҳо додан мумкин аст (ҷадвали 2).

*Ҷадвали 2.*
*Мӯҳлат ва нишондодҳои ӯҳдадориҳои низомии ҳамроҳшавии як қатор кишварҳои хориҷӣ ба ТУС баъд аз соли 1995*

| Мамлакат | Соли ҳамроҳшавӣ | Давомнокии ҳамроҳшавӣ | Ҳаҷми маъруза (саҳифа) | Шумораи ӯҳдадориҳо дар маъруза |
|---|---|---|---|---|
| Қирғизистон | 1998 | камтар аз 3 сол | 62 | 29 |
| Гурҷистон | 2000 | 4 сол | 57 | 29 |
| Молдавия | 2001 | 7,5 сол | 83 | 28 |
| Хитой | 2001 | 15,5 сол | 183 | 82 |
| Арманистон | 2003 | зиёда аз 8 сол | 80 | 39 |
| Арабистони Саудӣ | 2005 | 12 сол | 135 | 59 |
| Ветнам | 2007 | 12,5 сол | 198 | 70 |
| Украина | 2008 | 14,5 сол | 237 | 64 |
| Россия | 2012 | зиёда аз 19 сол | 771 | 164 |
| Тоҷикистон | 2013 | тақрибан 12 сол | 135 | 40 |
| Казоқистон | 2015 | тақрибан 20 сол | 447 | 118 |
| Афғонистон | 2016 | 12,5 сол | 138 | 37 |

*Сарчашма: Багдасарян К. М. Пахомов А.А. Проблемы участия государств ЕАЭС в деятельности ВТО // Экономическое развитие России. – 2016.– Т. 23, № 11. – С. 31-37.*

Аз ҷадвали мазкур мушоҳида кардан мумкин аст, ки ба ғайр аз кишварҳои Қирғизистон ва Гурҷистон, дар дигар кишварҳо ҷараёни ҳамроҳшавӣ ба ТУС зиёда аз 7 солро дар бар гирифтааст. Яъне барои ҳамроҳшавии ин кишварҳо ба ТУС муддати тӯлонӣ барои омодагӣ сарф шудааст.

Савдои байналмилалӣ яке аз фишангҳои зарурии тақсимоти некуаҳволӣ дар ҷаҳон ба ҳисоб меравад, зеро он ҷараёни ҳаракати молҳо, хизматҳо ва технологияҳоро муайян менамояд, ки аз онҳо афзоиши некуаҳволии миллӣ вобастагӣ дорад. Вобаста ба ин ҳар як мамлакат кӯшиш мекунад, ки мавқеъи худро дар бозорҳои ҷаҳонӣ барои мубодилаи самараноки молҳо ва хизматҳо мустаҳкам намуда, ба технологияҳои муосир дастрасӣ пайдо намояд. Дар ин самт фурӯши маҳсулоти истеҳсолкунандагони дохилӣ бо шароитҳои беҳтарин дар савдои беруна ба афзалиятҳои танзими давлатии савдои беруна шомил мешаванд [4; 5]. Бо баробари ин ҳама иштирокчиёни савдои байналмилалӣ аз нуқтаи назари иқтисодӣ ва бехатарии миллӣ, бахшҳои осебпазири иқтисодиёти худро ба воситаи ҷорӣ намудани маҳдудиятҳо ҳифз менамоянд.

Мақсади асосии савдои беруна ин тараққиёти мутасил ва мусбати иқтисодиёти миллӣ мебошад, ки ба воситаи ба роҳ мондани алоқаҳои савдой-иқтисодӣ бо дигар кишварҳо таъмин карда мешавад. Бо баробари ин савдои озод худ ба худ ба таъмини суръати баланди рушди иқтисодӣ мусоидат наменамояд. Аксар кишварҳои пасошӯравӣ дар натиҷаи гузариш аз низоми хоҷагидории маъмурӣ-фармондеҳӣ ба низоми иқтисоди бозорӣ, имконияти савдои озодро аз рӯи қоидаҳои умумии ТУС пайдо карданд, вале самараи мусбати иқтисодиро дар афзоиши некуаҳволии аҳолиро инчунин рушди иқтисодии самранокро ба пуррагӣ дастрас карда натавонистанд. Зеро шароитҳои гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ бо бӯҳрони трансформатсионӣ ҳамрадиф буд ва рақобатпазирии молҳои дар дохили кишвар истеҳсол мешуда дар бозори беруна дар сатҳи паст қарор дошт. Дар натиҷа тавозуни савдои беруна доимо бо нишондоди манфӣ арзёбӣ мегардад. Новобаста ба ин дар кишварҳои пасошӯравӣ сиёсати савдои озод барои зиёд намудани ҳамкорони байналмилалӣ ва то андозае ба таъмини рушди иқтисодӣ мусоидат намуд.

Масъалаи баратафсозии маҳдудиятҳо барои савдои байналмилалӣ ва таъсири онҳо ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ яке аз мушкилотҳои марказӣ барои тадқиқоти иқтисодиёти байналмилалӣ дар тӯли даҳсолаҳои охир гаштааст. Дар таҳлилҳо бештар механизми таъсири сиёсати савдои беруна ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар сатҳи корхона, соҳаҳо ва иқтисодиёти миллӣ фаро гирифта мешаванд. Дар корҳои илмӣ бештар оид ба таъсири сиёсати савдои озод ба нишондиҳандаҳои ММД, ҳаҷми гардиши савдои беруна, истеҳсоли маҳсулот дар соҳаҳо, ҷараёни инвеститсиякунӣ, тадбиқи навовариҳо дар истеҳсолот, ҳосилнокӣ, фоиданокии корхонаҳо, вазъи содирот ва воридот, сатҳи нархҳо дар дохили кишвар ба назар мерасад [1; 7; 8; 10; 12; 13; 14]. Одатан оид ба зарурати сиёсати савдои озод ва маҳдудиятҳои имконпазири он мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

Назарияҳои классикии савдои байналмилалӣ бештар аз ҳисоби маълумотҳои дастрас, оқибатҳои савдои озодро дар сатҳи соҳаҳо мушоҳида менамоянд. Масалан, модели таъминоти нисбӣ бо омилҳои

истеҳсолоти Хекшер-Олин баландшавии самаранокиро ҳангоми савдои озод аз ҳисоби азнавтақсимкунии захираҳои байни соҳаҳо нишон медиҳад. Ҳангоми гузариш ба иқтисодиёти кушод нархҳои молҳои савдошаванда ба нархҳои ҷаҳонӣ баробар мешаванд. Дар натиҷаи тағйирёбии нархҳои дохилӣ, истеҳсоли молҳои нисбатан арзоншуда диққатҷалбкунандагии худро гум мекунад ва ин гуна молҳо ворид карда шуда, молҳое, ки нархи онҳо баланд шудаанд бештар ба содирот нигаронида мешаванд. Дар натиҷа ин ҷараён ба афзоиши истеъмоли молҳои воридотӣ дар кишвар оварда мерасонад, зеро нархи молҳои воридотӣ нисбатан паст мебошанд. Бинобар ҳамин ҳангоми тадбиқи сиёсати савдои озод ба таносуби истеҳсолоти дохилӣ барои содирот ва истеъмолоти дохилӣ аҳамияти бештар зоҳир намудан лозим аст. Махсусан чунин чораҳо барои иқтисодиёти кушоди хурд хос аст. Дар чунин низоми иқтисодӣ бартараф намудани монеъаҳо ба молҳои савдошаванда ба пастшавии нархи молҳои воридотӣ ва коҳишёбии захираҳо барои барқарор намудани тавозуни савдо оварда мерасонад. Таъминоти фоидаи зиёдатӣ аз амалиётҳои содиротӣ рақобатро барои дастрасии захираҳо пурзӯр мегардонад. Пурра бартараф намудани маҳдудиятҳои барои воридот метавонад ба пастшавии некуаҳволӣ оварда расонад, зеро дар ин ҳолат коҳишёбии истеҳсолот, зиёдшавии шумораи бекорон ва коҳишёбии сатҳи музди меҳнат ба миён омада, бозори дохилӣ бо молҳои воридотӣ пур карда мешавад. Бинобар ҳамин дар ҳолати аъзогӣ дар ТУС низ ба кишварҳои аъзо имконият дода мешавад, ки ба гурӯҳи муайяни молҳо барои воридот дар муддати муайян маҳдудиятҳо истифода шаванд

Таҷрибаи аксарияти кишварҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки ба афзалиятҳои савдои озод нигоҳ накарда, дар ин мамлакатҳо сиёсати ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии истеҳсолкунандагони дохилӣ амалӣ карда мешавад. Бо ибораи дигар стратегияи воридотивазкунӣ бо дарназардошти унсурҳои протексионизм амалӣ карда мешавад, ки истифодабарии васеъи танзими тарифӣ ва ғайритарифиро дар бар мегирад.

Маълум аст, ки чораҳои тарифӣ ба нархи молҳо таъсири мустақим расонида, дар ҳаҷми содирот ва воридот ифодаи худро меёбанд. Танзими ғайритарифӣ бошад, ба ҳаҷми савдои беруна ба таври ғайримустақим таъсир расонида бештар барои ҳавасмандгардонии содирот ва маҳдуд намудани воридот истифода мешаванд. Ҳамзамон ин усулҳои танзими савдои беруна ҳамчун сарчашмаи даромади давлатӣ баромад мекунад.

Самти амалигардонии сиёсати савдои беруна пеш аз ҳама дар дастгирӣ намудани истеҳсолоти дохилӣ равона карда шавад. Дар шароити тавозуни манфии амалиётҳои ҷорӣ сиёсати савдои беруна барои густариш додани истеҳсолоти ивазкунандаи воридот нигаронида шуда, дар чунин ҳолат зарурати маҳдудкунии ҳаҷми воридот ва ҳавасмандгардонии ҳаҷми содирот амалӣ карда шавад. Дар ин ҷода истифодабарии механизмҳои тарифӣ ва ғайритарифӣ истифода шуданаш мумкин аст. Оид ба танзими тарифии савдои беруна ҷоиз ба қайд аст, ки ин механизм ҳамчун фишанги самараноки тараққиёти соҳаҳои иқтисодиёт махсусан дар шароити иқтисодиёти кушоди хурд самаранокии зарурӣ надорад [6. С.210]. Дар ҳақиқат, танҳо бо истифода аз механизмҳои танзими тарифӣ таъмини коҳишёбии ҳаҷми воридот ва инкишофи истеҳсолоти дохилиро таъмин намудан имконнопазир аст. Бо мақсади ба эътидол овардани вазъияти манфии тавозуни амалиётҳои ҷорӣ таҷдиди соҳаҳои истеҳсолоти дохилӣ, таъмин намудан бо воситаҳои гардон, таъсис додани шароитҳо барои инкишофи рақобатнокӣ, инфрасохтори бозорӣ ва ғайраҳо аз амалҳои зарурӣ арзёбӣ карда мешавад. Дар ин ҷода олим-иқтисодчии рус Исаченко Т.М. дар китоби худ “Сиёсати савдои Иттиҳоди Аврупо” дуруст қайд менамояд, ки “кишварҳое, ки барои ҳифзи соҳаҳои иқтисодиёти худ ба маҳдудкунии воридот такя карда буданд, нисбат ба дигар кишварҳои сатҳи тараққиёташон наздики сиёсати савдои озодро тадбиқ мекарда бо суръати сустар тараққи карданд. Ҳамзамон дар шароити коҳишёбии ҳаҷми истеҳсолот дар ин кишварҳо чораҳои ҳимоякунанда амалӣ карда мешаванд”75F [2. С.19].

Тадқиқотҳои назариявӣ собит менамоянд, ки истифодабарии усулҳои тарифии танзими савдои беруна дар шароити муосир ва ҳамгироии кишварҳои зиёд дар доираи ТУС ба таври мустақилона наметавонад истеҳсолкунандагони дохилиро аз таъсири рақибони хориҷӣ эмин нигоҳ дорад. Бинобар ҳамин барои амалигардонии сиёсати савдои беруна дар шароити муосир ба усулҳои ғайритарифӣ мансуб дониста мешавад. Яъне дар тадбиқи сиёсати савдои беруна ва ҳавасманд намудани истеҳсолоти ивазкунандаи воридот ҳамзистии усулҳои тарифӣ ва ғайритарифии танзими савдои беруна метавонанд натиҷаҳои назаррасро таъмин намоянд. Дар ин самт истифодабарии квотакунонии воридот барои коҳиш додани ҳаҷми воридоти барзиёд ва ҳавасмандгардонии афзоиши истеҳсолоти дохилӣ самараи мусбат дода метавонад. Яъне барои танзими самараноки савдои беруна ва амалигардонии стратегияи воридотивазкунӣ имкониятҳои истеҳсолоти дохолӣ муайян карда шуда, ҳамасола ҳаҷми квота барои молҳои воридоти дақиқ карда шавад. Боиси қайд аст, ки мавҷудияти молҳои воридоти дар бозори дохилӣ истеҳсолкунандагони дохилиро барои баланд намудани рақобатпазирӣ такон медиҳад. Доир ба

чунин вазхият Ҷон Итуэлл хулосаи нисбатан дуруст мекунад, ки мутобиқи он “агар ҳангоми васеъшавии талаботи дохилӣ қисми он ба хориҷи кишвар ба воситаи чораҳои протексионистӣ роҳ дода нашавад, дар чунин ҳолат пасандозҳои дохилӣ ва пардохтҳои андозӣ барои молиягузории инвеститсияҳои дохилӣ равона карда мешаванд. Ҳамзамон фоиданокии истеҳсолоти аз рақобати хориҷӣ ҳимоя шуда афзоиш ёфта, барои инвеститсияҳои минбаъда равона мешаванд ва дар натиҷа рушди иқтисодӣ хислати устуворро пайдо менамояд” [2; С.431].

Ҳамин тавр дар шароити муосири тараққиёти иқтисодӣ сиёсати савдои беруна бо дарназардошти вазъияти кишварҳо амалӣ карда шавад. Дар шароити барзиёдии воридот нисбат ба содирот ва вобастагии воридотӣ афзалият ба сиёсати ҳимоякунандаи савдои беруна зоҳир карда мешавад, ки барои инкишофи соҳаҳои муайяни иқтисодиёти миллӣ мусоидат менамоянд ва қобилияти иҷро намудани нақши калидиро дар тадбиқи стратегияи воридотивазкунанда доранд. Дар амал тадбиқ намудани чунин сиёсат, иқтисодиёти миллӣ бо хароҷоти муайян дучор мешаванд, ки бо коҳишёбии рақобатпазирии корхонаҳои миллӣ алоқаманд мебошад. Лекин дар дурнамои миёнамӯҳлат ва дарозмуддат чунин хароҷот аз ҳисоби инкишофи истеҳсолоти дохилӣ рӯйпӯш карда шуда, барои иштироки самараноки мамлакат дар тақсимоти байналхалқии меҳнат мусоидат менамояд.

## АДАБИЁТ


1. Багдасарян К. М. Пахомов А.А. Проблемы участия государств ЕАЭС в деятельности ВТО // Экономическое развитие России. – 2016.– Т. 23, № 11. – С. 31-37.
2. Джон Итуэлл Импортозамещающий и экспортоориентированный экономический рост. // Экономическая теория. Под ред. Дж. Итуелла, М. Милгейта, П. Ньюмена. – М. Инфра-М, 2004. – XII, 931с. – (New Palgrave). С. 431.
3. Исаченко Т.М. Торговая политика Европейского союза. М.: Издательский дои ГУВШЭ, 2010. 684с.
4. Кадочников, П. А. Открытость российской экономики как источник экономического роста / П. А. Кадочников, А. Ю. Кнобель, С. Г. Синельников-Мурылев // Вопросы экономики. – 2016. – № 12. – С. 26-42.53,
5. Кадочников, П. А. Протекционизм и либерализация внешней торговли в России и ведущих странах мира / П. А. Кадочников // Российский внешнеэкономический вестник. – 2015. – № 3. – С. 3-13.
6. Саидмуродов Л.Х. Экономическая теория открытого хозяйства и проблемы современного Таджикистана. Душанбе: Изд-во «Ирфон», 2005. 386 с.
7. Antras, P. Multinational firms and the structure of international trade / P.Antràs, S. R. Yeaple // Handbook of international economics. – 2014. – Vol. 4. – P. 55-130.
8. De Loecker, J. Firm performance in a global market / J. De Loecker, P. K. Goldberg // Annual Review of Economics. – 2014. – Vol. 6, № 1. – P. 201-227.
9. Global Value Chains and Development. Investment and value added trade in the global economy [Захираи электронӣ] // United Nations Publication. – 2013. – Реҷаи дастрасӣ: https://unctad.org/en/PublicationsLibrary/diae2013d1_en.pdf.
10. Harrison, A. Recent perspectives on trade and inequality / A. Harrison, J. McLaren, M. McMillan // Annual Review of Economics. – 2011. – Vol. 3, № 1. – P. 261-289.
11. Irwin, D. A. Does Trade Reform Promote Economic Growth? A Review of Recent Evidence [Захираи электронӣ] / D. A. Irwin // NBER Working Paper:. – 2019. – Реҷаи дастрасӣ: https://www.nber.org/papers/w25927.pdf.
12. Melitz, M. J. Heterogeneous firms and trade / M. J. Melitz, S. J. Redding //Handbook of international economics. – 2014. – Vol. 4. – P. 1-54.
13. Rodríguez-Clare, C. A. Trade Theory with Numbers : Quantifying the Consequences of Globalization / C.A. Rodríguez-Clare // Handbook of International Economics. – Elsevier, 2014. – P. 197-261.
14. Shu, P. The impact of trade liberalization on firm productivity and innovation / P. Shu, C. Steinwender // Innovation Policy and the Economy. – 2019. – Vol. 19, № 1. – P. 39-68.
15. Smith, A. An Inquiry into the Nature and Causes of the Wealth of Nations /A. Smith. – University of Chicago Press; UK ed. Edition, 1977. – 1152 p.
16. Trade, Growth and World Affairs Trade Policy as a core component of the EU’s 2020 Strategy [захираи электронӣ] // EUROPEAN COMMISSION: –2010. – Реҷаи дастарӣ: http://aei.pitt.edu/38021/1/COM_(2010)_612.pdf. 309


## REFERENCES


1. Bagdasaryan K. M. Pakhomov A.A. Problems of participation of the EAEU states in the WTO activities // Economic development of Russia. – 2016.– Vol. 23, No. 11. - pp. 31-37.

2. John Itwell Import-substituting and export-oriented economic growth. // Economic theory. Edited by J. Ithwell, M. Milgate, P. Newman. – M. Infra-M, 2004. – XII, 931c. – (New Palgrave). P. 431.
3. Isachenko T.M. Trade Policy of the European Union. Moscow: Publishing House of the Higher School of Economics, 2010. 684p.
4. Kadochnikov, P. A. Openness of the Russian economy as a source of economic growth / P. A. Kadochnikov, A. Yu. Knobel, S. G. Sinelnikov-Murylev // Questions of Economics. – 2016. – No. 12. – pp. 26-42.53,
5. Kadochnikov, P. A. Protectionism and liberalization of foreign trade in Russia and the leading countries of the world / P. A. Kadochnikov // Russian Foreign Economic Bulletin. – 2015. – No. 3. – pp. 3-13.
6. Saidmurodov L.H. Economic theory of open economy and the problems of modern Tajikistan. Dushanbe: Publishing house "Irfon", 2005. 386 p.
7. Antràs, P. Multinational firms and the structure of international trade / P.Antràs, S. R. Yeaple // Handbook of international economics. – 2014. – Vol. 4. – P. 55-130.
8. De Loecker, J. Firm performance in a global market / J. De Loecker, P. K. Goldberg // Annual Review of Economics. – 2014. – Vol. 6, № 1. – P. 201-227.
9. Global Value Chains and Development. Investment and value added trade in the global economy//United Nations Publication. – 2013. https://unctad.org/en/PublicationsLibrary/diae2013d1_en.pdf.
10. Harrison, A. Recent perspectives on trade and inequality / A. Harrison, J. McLaren, M. McMillan // Annual Review of Economics. – 2011. – Vol. 3, № 1. – P. 261-289.
11. Irwin, D. A. Does Trade Reform Promote Economic Growth? A Review of Recent Evidence / D. A. Irwin // NBER Working Paper: – 2019. – Реҷаи дастрасӣ: https://www.nber.org/papers/w25927.pdf.
12. Melitz, M. J. Heterogeneous firms and trade / M. J. Melitz, S. J. Redding //Handbook of international economics. – 2014. – Vol. 4. – P. 1-54.
13. Rodríguez-Clare, C. A. Trade Theory with Numbers : Quantifying the Consequences of Globalization / C.A. Rodríguez-Clare // Handbook of International Economics. – Elsevier, 2014. – P. 197-261.
14. Shu, P. The impact of trade liberalization on firm productivity and innovation / P. Shu, C. Steinwender // Innovation Policy and the Economy. – 2019. – Vol. 19, № 1. – P. 39-68.
15. Smith, A. An Inquiry into the Nature and Causes of the Wealth of Nations /A. Smith. – University of Chicago Press; UK ed. Edition, 1977. – 1152 p.
16. Trade, Growth and World Affairs Trade Policy as a core component of the EU’s 2020 Strategy // EUROPEAN COMMISSION: –2010. http://aei.pitt.edu/38021/1/COM_(2010)_612.pdf. 309